# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика

**Парвандаи аттестатсионии №__**

**Карори шурои диссертатсионӣ аз 17.07.2026, №105**

барои сазовор донистани Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.10. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо.

Диссертатсияи Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло дар мавзуи «Моделсозии математикӣ ва компютерии боркашонии нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли Нерӯгоҳи барқии обии Роғун бо истифодабарии методҳои барномасозии хаттӣ» санаи 13-уми майи соли 2026, протоколи №102, аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.KOA-011, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 25 октябри соли 2024, № 378/шд) таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло 14-уми июли соли 1996 дар шаҳри Ваҳдат дар оилаи коргар таваллуд шуда, соли 2014 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и деҳаи Заргари шаҳри Ваҳдатро хатм намудааст.

Соли 2014 ба ихтисоси информатикаи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 бо муваффақият хатм кардааст.

Аз соли 2019 фаъолияти илмии худро таҳти роҳбарии доктори илмҳои физика-математика, профессори кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии ДМТ Одинаев Р.Н. оғоз намудааст.

Аз соли 2020 то ҳол ассистенти кафедраи информатикаи ДМТ мебошад.

Аз соли 2021 то 2024 унвонҷӯйи кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии ДМТ буд.

Ба Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ), фалсафа ва ихтисос аз 05.04.2025 таҳти №26 аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерии ДМТ Одинаев Раим Назарович

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Фарҳод Шокир** - доктори илмҳои физикаю математика, профессори факултети нақшаҳои интеграии Донишгоҳи почта ва телекоммуникатсияи Чунсини Ҷумҳурии Халқии Хитой;
2. **Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо** - доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои физикаю математика, Шарипов Б. ва номзади илмҳои физикаю математика, Кабиров А. навишта шуда, аз ҷониби ректори донишгоҳ, номзади илмҳои педагогӣ Сатторзода Б. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло дар мавзӯи «Моделсозии математикӣ ва компютерии боркашонии нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли Нерӯгоҳи барқии обии Роғун бо истифодабарии методҳои барномасозии хаттӣ» кори илмӣ-таҳқиқотии баитмомрасидаи дорои навгониҳо ва натиҷаҳои илман асоснокшуда буда, ба тамоми талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (дар таҳрири қар. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295))-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ муқаррар шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.10. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо мутахассисони маъруфи соҳаи таҳқиқотӣ ба ҳисоб рафта, соҳиби корҳои илмии банашррасонидашудаи ба мавзӯи диссертатсия наздик мебошанд.

**Интихоби муассисаи** тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон олимони маъруфу мутахассисони босалоҳият ба кору фаъолият фаро гирифташуда, дастовардҳои бузурги илмӣ аз ҷумла ба мавзӯи диссертатсия наздикро доранд ва метавонанд арзишҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро объективона арзёбӣ намоянд.

Унвонҷӯ доир ба мавзӯи диссертатсия 12 маводи интишорӣ дорад, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА - и назди Президенти ҶТ ва КОА -и Вазорати маориф ва илми ФР ба нашр расидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро дуруст

инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои илмии асосии муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М] Мавлонзода С.Ҳ. Модели математикии боркашонии нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли НБО Роғун бо истифодабарии методҳои барномасозии хаттӣ / Р.Н. Одинаев, С.Ҳ. Мавлонзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. – 2020. – №4. – С. 5-14.

[2-М] Мавлонзода С.Ҳ. Математическая модель решения транспортной задачи по критерию времени на примере Рогунской ГЭС / Р.Н. Одинаев, С.Х. Мавлонзода, М.М. Миралиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2022. – №1. – С. 40-49.

[3-М] Мавлонзода С.Х. Решение транспортной задачи с нечеткими тарифами на примере грузоперевозок Рогунской ГЭС / Р.Н. Одинаев, С.Х. Мавлонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2022. – №1. – С. 40-49.

[4-М] Мавлонзода С.Ҳ. Амсилаи регрессионии вобастагии нархи сӯзишворӣ ва арзиши кашонидани маҳсулоти сохтмонӣ ба НБО Роғун / С.Ҳ. Мавлонзода // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ) силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №1/2. – С. 315-320.

[5-М] Мавлонзода С.Х. Математическое и компьютерное моделирование транспортной задачи и её применение в решении экономических задач Рогунской ГЭС / Р.Н. Одинаев, С.Х. Мавлонзода // Известия НАНТ отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2023. – №4 (193). – С. 30-43.

[6-М] Мавлонзода С.Ҳ. Применение метода аппроксимации Фогеля при решении транспортных задач на примере грузоперевозок Рогунской ГЭС / Р.Н. Одинаев, С.Х. Мавлонзода // Известия НАНТ отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2024. – №3 (196). – С. 60-66.

**Мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳо:**

[7-М] Мавлонзода С.Ҳ. Истифодаи методҳои барномасозии хаттӣ дар модели математикии боркашонии нақлиётии НБО Роғун / Р.Н. Одинаев, С.Ҳ. Мавлонзода // Барномаи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 110-солагии шоири халқии Тоҷикистон, қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2024)». Душанбе 2021. С. 12.

[8-М] Мавлонзода С.Ҳ. Решение транспортной задачи линейного программирования по критерию времени / Р.Н. Одинаев, С.Х. Мавлонзода // Международной научно-теоретической конференции на тему «Вклад математики в развитие естественных, точных и математических наук», посвящённой двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук (2020-2024 годы). Душанбе 2023. С. 167-170.

[9-М] Мавлонзода С.Х. Компьютерная модель зависимости цены топлива и стоимости перевозки строительных материалов на Рогунской ГЭС с использованием уравнения линейной регрессии / Р.Н. Одинаев, Ф.Р. Раимзода, С.Х. Мавлонзода // Материалы международной научно-практической конференции «Компьютерный анализ проблем науки и технологий», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета». Душанбе 2023. С. 325-330.

[10-М] Мавлонзода С.Х. Оптимизация грузоперевозок Рогунской ГЭС с нечетко определенными тарифами / Р.Н. Одинаев, Ф.Р. Раимзода, С.Х. Мавлонзода // XII международной научно-практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её приложения», посвященной «Объявления 2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета». Душанбе, 18 мая 2024. С. 319-324.

[11-М]Мавлонзода С.Х. Исследование транспортной задачи с нечёткими тарифами на примере грузоперевозок Рогунской ГЭС / Р.Н. Одинаев, С.Х. Мавлонзода, Л.Р. Рустамова // Материалы международной научно-практической конференции XIV Ломоносовские чтения «Роль филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе в развитии науки и образования». Душанбе 2024. С. 90-94.

[12-М] Мавлонзода С.Х. Оптимизация грузоперевозок с нечеткими тарифами на примере Рогунской ГЭС / Р.Н. Одинаев, С.Х. Мавлонзода, П.Л. Нарзуллоев // Материалы международной научно-теоретической конференции «роль математики в становлении и развитии экономических, естественных и точных наук», посвященной «двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» (Душанбе, 22 ноября 2025 года). С.75-81.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ:**

- **коркард карда шудаанд**, усулҳои инноватсионии оптимизатсияи барномасозии хатӣ барои моделсозии математикии тақсимоти боркашонӣ, ки бо дарназардошти талаботи муосир ба самаранокӣ ва устувории системаҳои логистикӣ имкон медиҳанд равандҳои боркашонӣ дар муҳити динамикӣ дақиқтар моделсозӣ, таҳлил ва идора карда шаванд;

- **пешниҳод шудааст**, методи самараноки ҳалли масъалаҳои банақшагирии оптималии боркашонӣ аз рӯйи критерияҳои арзиш ва вақт, ки барои ҳолатҳои талабкунандаи интиқоли фаврии бор татбиқ гардида, усули аппроксиматсияи Фогел ҳамчун воситаи самараноки ҳосил намудани нақшаҳои ибтидоии оптималӣ истифода шудааст;

- **таҳия ва асоснок карда шудаанд**, алгоритмҳои ҳалли масъалаҳои нақлиётӣ бо тарифҳои номуайяни боркашонӣ дар асоси назарияи маҷмӯаҳои носаҳеҳ, ки барои оптимизатсияи равандҳои логистикии сохтмони НБО «Роғун» дар шароити таъсири омилҳои динамикии беруна заминаи илмӣ ва амалӣ фароҳам меоранд;

- **ҷорӣ гардидаанд**, маҷмӯи барномаҳои компютерӣ барои татбиқи усулҳо ва алгоритмҳои пешниҳодшуда, ки имконият медиҳанд масъалаҳои оптимизатсияи боркашонӣ ба таври автоматикунонидашуда ҳал гардида, самаранокии онҳо тавассути як қатор таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ ҳангоми ташаккули нақшаҳои оптималии боркашонӣ тасдиқ карда шавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- **исбот намудани** асосҳои назариявии истифодаи усулҳои оптимизатсияи барномасозии хаттӣ дар моделсозии математикии масъалаҳои нақлиёт, ки барои таҳлили масъалаҳои тақсимоти оптималии боркашонӣ аз рӯйи критерияҳои арзиш ва вақт заминаи илмӣ фароҳам меоранд;

- **истифода бурдани** усули аппроксиматсияи Фогел ҳамчун воситаи самараноки ташаккули нақшаҳои ибтидоии интиқоли бор, ки барои баланд бардоштани самаранокии алгоритмҳои ҳалли масъалаҳои нақлиётӣ ва кам намудани ҳаҷми ҳисоббарориҳо мусоидат менамояд;

- **ошкор гардидааст,** ки татбиқи назарияи маҷмӯаҳои носаҳеҳ дар масъалаҳои нақлиёт бо тарифҳои номуайян имконият медиҳад омилҳои номуайянӣ ва маълумоти тахминии иқтисодӣ ҳангоми моделсозии равандҳои логистикӣ ба таври мукаммал ба ҳисоб гирифта шаванд;

- **омӯхта шудааст,** моделҳои математикии масъалаҳои нақлиёт дар шароити таъсири омилҳои динамикии беруна, ки имконият медиҳанд стратегияҳои оптималии банақшагирии боркашонӣ барои системаҳои мураккаби нақлиётӣ ва логистикӣ таҳия карда шаванд;

- **такмил дода шудааст**, усулҳои мавҷудаи ҳалли масъалаҳои нақлиёт тавассути истифодаи моделҳои оптимизатсионӣ, усули аппроксиматсияи

Фогел ва назарияи маҷмӯаҳои носаҳеҳ, ки ба рушди назарияи моделсозии математикӣ ва усулҳои ададии ҳалли масъалаҳои оптимизатсионии нақлиёт мусоидат менамоянд;

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- **коркард ва татбиқ карда шудаанд**, усулҳои оптимизатсияи барномасозии хаттӣ барои ҳалли масъалаҳои нақлиёт аз рӯйи критерияҳои арзиш ва вақт, ки имконият медиҳанд нақшаҳои оптималии боркашонӣ дар системаҳои нақлиётӣ ва логистикӣ бо дақиқӣ ва самаранокии баланд ташаккул дода шаванд;
- **муайян карда шудааст**, ки истифодаи усули аппроксиматсияи Фогел барои ташаккули нақшаи ибтидоии интиқоли бор боиси кам гардидани ҳаҷми ҳисоббарорӣ ва баланд шудани самаранокии ҳалли масъалаҳои нақлиётӣ гардида, барои масъалаҳои амалии логистика натиҷаҳои боэътимод фароҳам меорад;
- **офарида шудаанд**, алгоритмҳо ва моделҳои амалии ҳалли масъалаҳои нақлиёт бо тарифҳои номуайяни боркашонӣ дар асоси назарияи маҷмӯаҳои носаҳеҳ, ки имконият медиҳанд омилҳои номуайянӣ ва маълумоти тахминии иқтисодӣ ҳангоми банақшагирии боркашонӣ ба таври самаранок ба ҳисоб гирифта шаванд;
- **муаррифӣ карда шудааст**, маҷмӯи барномаҳои компютерӣ барои татбиқи усулҳои пешниҳодшудаи оптимизатсияи нақшаҳои боркашонӣ аз рӯйи критерияҳои арзиш, вақт, усули аппроксиматсияи Фогел ва тарифҳои носаҳеҳ, ки барои автоматикунонии равандҳои банақшагирии логистикӣ ва баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳо, аз ҷумла дар масъалаҳои таъминоти сохтмони НБО «Роғун», аҳамияти амалӣ доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

- **эътимоднокии натиҷаҳои илмии таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои муосири моделсозии математикӣ, барномасозии хаттӣ, назарияи оптимизатсия, назарияи маҷмӯаҳои носаҳеҳ ва методҳои маъмули ҳалли масъалаҳои нақлиёт, инчунин бо муқоисаи натиҷаҳои ҳисоббарорӣ ва таҳлили назариявӣ асоснок карда шудааст;
- **назарияи таҳияшуда** дар асоси асоснокии математикӣ ва дурустии моделҳои пешниҳодшудаи оптимизатсияи нақшаҳои боркашонӣ аз рӯйи критерияҳои арзиш ва вақт, инчунин алгоритмҳои ҳалли масъалаҳои нақлиёт бо тарифҳои номуайян тавсиф ва исбот карда шудааст;
- **дурустии натиҷаҳои бадастовардашуда** тавассути истифодаи усулҳои классикии оптимизатсияи масъалаҳои нақлиёт, усули аппроксиматсияи Фогел, методи потенсиалҳо ва усулҳои назарияи маҷмӯаҳои носаҳеҳ,

инчунин муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо ҳалли масъалаҳои намунавӣ ва таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ тасдиқ гардидааст;

- **истифода шудани натиҷаҳои маълуми назариявӣ** дар соҳаи моделсозии математикӣ, таҳқиқи амалиёт, оптимизатсияи нақлиёт ва логистика барои таҳияи моделҳо, алгоритмҳо ва маҷмӯи барномаҳои компютерии пешниҳодшуда ба таври муфассал нишон дода шудааст;

- **муайян гардидааст**, ки усулҳо ва алгоритмҳои пешниҳодшуда имконият медиҳанд масъалаҳои оптимизатсияи нақшаҳои боркашонӣ дар шароити маълумоти дақиқ ва номуайян бо дараҷаи баланди самаранокӣ ҳал гардида, таъсири омилҳои иқтисодӣ ва динамикии беруна ҳангоми қабули қарорҳо ба ҳисоб гирифта шавад;

- **истифода шудани натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҳалли масъалаҳои амалии логистика ва банақшагирии ҳамлу нақли бор, аз ҷумла ҳангоми ташкили нақшаҳои таъминоти сохтмони НБО «Роғун», инчунин дар таҳияи барномаҳои компютерӣ барои автоматикунонии равандҳои оптимизатсияи боркашонӣ нишон дода шудааст.

***Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.*** Муҳокимаҳо ва интишороти натиҷаҳои илмӣ бо ҳаммуаллифон, роҳбари илмӣ гузаронида шуданд, аммо мундариҷаи асосии ин таҳқиқот ва муқарраротӣ дифоъ саҳми шахсии муаллифро дар кори иҷрошуда инъикос мекунанд.

Дар ҷаласаи 17 июли соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Мавлонзода Сафарали Ҳикматуллоро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.10. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар (2 нафар ба таври маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа чунин овоз доданд: тарафдор – 16 нафар; муқобил – нест; бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионии
6D.KOA.011, д.и.ф.м., профессор Илолов М.И.

Котиби илмии шурои
диссертатсионии 6D. KOA-011, н.и.ф.м. Ғафоров А.Б.